# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, номзади илмҳои филология, иҷрокунандаи вазифаи декани факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Шарипов Сангимурод Исматуллоевич ба диссертатсияи Охунзода Насруддин дар мавзӯи «Симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобии тоҷик» барои дарёфти унвони номзади илмҳои филология аз руйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

Публитсистика ифодагари рӯҳияи давру замони муайян буда, мавзӯи инъикос ва баҳси он аз воқеоти рӯз пайдо мешавад. Тӯли солҳои Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар кишвари мо дигаргуниҳои азим ва тақдирсоз ба мисли кандани нақбҳо, бунёду таъмири роҳҳо, сохтмони иншооти азим, ба кор даровардани неругоҳҳои барқи обӣ, ба шароити замони муосир мувофиқ гардонидани вазъи муассисаҳои таълимӣ ба вуҷуд омаданд, ки дар рух додан ва амалӣ гардидани онҳо инсонҳои кору пайкор даст доранд. Ҳарчанд дар раванди ин бунёдкориҳо нафарони касбу кори гуногун саҳм гузоштаанд, аммо дар сафи аввал хизматҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон меистад. Нақши ин абармарди замон дар ташаккули давлатдории навини тоҷикон ва бунёди Тоҷикистони нав басо бузург ва нотакрор аст. Сиёсати давлатдорӣ, услуби роҳбарӣ, хислати мардумшиносӣ, инсондӯстӣ ва некхоҳии ӯ, ки хусусияти ба худ хос дорад, на танҳо дар ВАО, балки дар публитсистикаи китобиву адабиёти бадеӣ таҷассум ёфта, арҷгузорӣ шудааст.

Ба ин мазмун мавзӯи кори диссертатсионии Охунзода Насруддин «Симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобӣ» аз нигоҳи илмӣ ва ҳамчунин амалӣ нав буда, натиҷаҳои пажӯҳиши он дар илми публитсистикашиносии тоҷик саҳифаи наверо боз менамояд.

Диссертант талаботи меъёриву методологии таълифи кори илмиро риоя намуда, сохтори диссертатсияашро дар шакли муқаддима, 3 боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт тарҳрезӣ намудааст, ки дуруст аст.

Дар муқаддима зарурат ва аҳаммияти интихоби мавзӯи пажӯҳиш, дарачаи омӯзиши он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, навгонии таҳқиқот, асосҳои назарию методологӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, апробатсияи кор ва амсоли ин ба таври мушаххас баррасӣ ва асоснок карда шудааст.

Боби якуми диссертатсия «Тавсифи умумии осори публитсистӣ доир ба Эмомалӣ Раҳмон» унвон дошта, аз ду фасл – «Заминаҳои таърихии ташаккули образи Эмомалӣ Раҳмон» ва «Симои Пешвои миллат дар асарҳои алоҳидаи публитсистӣ» иборат аст. Дар фасли якуми ин боб заминаҳои иҷтимоиву таърихии ташаккули симои шахсияти Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баррасӣ шудааст. Воқеан, пас аз Истиқлоли давлатӣ Тоҷикистон дар давраи сарнавиштсоз маҳз Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимоми давлатдориро ба даст гирифт, бо гурӯҳҳои мухолифин мулоқоту суҳбатҳо гузаронид ва бо имзои Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ (1997) сулҳу ваҳдат ва ягонагӣ дар кишвар таъмин гардид. Дар ин маврид муҳаққиқ дуруст таъкид менамояд, ки: «Дар замони нави давлатдории тоҷикон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ин гуна шахсиятҳо маҳсуб меёбад, ки аз оғози фаъолияташ мавриди таваҷҷуҳи аҳли ҷомеа ва адибону публитсистон қарор гирифтааст. Албатта, ин бесабаб нест, зеро Эмомалӣ Раҳмон дар замоне ба сари қудрат омад, ки пояҳои давлатдории Тоҷикистон ноустувор ва ҳокимият фалаҷ гардида, хатари аз байн рафтани давлат ва пароканда шудани миллат таҳдид мекард. Дар чунин вазъият курсии роҳбариро касе орзу ҳам намекард ва розӣ шудан ба вазифаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо аз ҳисси масъулиятхоҳиву ватандӯстии Эмомалӣ Раҳмон дарак медод, балки нишон аз фидоии халқу миллат буданаш буд» [саҳ. 15-16].

Диссертант дар заминаи адабиёти илмиву публитсистӣ раванди сулҳу тоҷиконро баррасӣ намуда, хидматҳои Пешвои миллатро тасниф карда, мушахассан нишон додааст, ки омӯзандаву илмӣ мебошад. Аз таҳлилу баррасиҳои диссертант бармеояд, ки маҳз таъмини сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар кишвар Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчуни симои барҷаста дар адабиёт ва публитсистикаи тоҷик шомил намуд.

Дар фасли дуюми боби мазкур асарҳои марбут ба корномаҳои Эмомалӣ Раҳмон аз нигоҳи мавзӯъву мундариҷа ва шакли эҷод тасниф гардида, хусусиятҳои умумӣ ва фарқи асарҳои муаллифони алоҳида тариқи таҳлилу арзёбиҳо нишон дода шудааст. Унвонҷӯ асарҳои марбут ба корнамоиҳои Сарвари давлатро ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, ҳар кадоме аз онҳоро ба таври мухтасар ба риштаи таҳлил кашидааст. Бахусус, таваҷҷуҳи муҳаққиқро асарҳои С. Мирзошоҳ, Ш. Ҳаниф – «Меъмори ваҳдат», Ш. Мӯсо – «Президенти мо», «Ҷасорат», Н. Абдулваҳҳоб, У. Шерхон – «Ваҳдатовар», М. Тоштемиров – «Ҳомии сулҳу ваҳдат», М. Тоштемиров, С. Фаттоев – «Шоҳроҳи сулҳофарӣ ва бунёдкории Президент Эмомалӣ Раҳмон», В. Сухомлинов, Г. Шалаев – «Роҳ ба сӯйи созиш» ба худ кашидааст, ки аз нигоҳи мубрамият ва аҳамият дуруст аст. Муҳаққиқи ҷавон вижагиҳои мавзӯии ин асарҳоро муайян намуда, ба натиҷаи дуруст меояд, ки «.... бозтобу тасвири симои ҳақиқии Сарвари давлат ба он мусоидат намудааст, ки муаллифон на ба таври нақли якранги умумию хронологӣ, балки бо истифода аз василаҳои гуногуни бадеию образнок ва публитсистӣ ба кашфи асрори сарварии Президент ва санъати давлатдорию сиёсатмадории ӯ ноил гарданд. Дар ин асарҳо ҳамбаста бо тасвири воқеаҳову эпизодҳои марбут ба оғозу идома ёфтани музокироти сулҳи тарафҳо, ки гоҳо хусусияту пафоси диққатҷалбкунандаи образноки бадеӣ пайдо мекунад, ҷанбаи таҳлилию ҳуҷҷатнигорӣ, ки пероста бо далоилу арқоми таърихист, ба мушоҳида мерасад» [саҳ. 60].

Боби дуюми диссертатсия «Вижагиҳои тасвири симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобӣ» ном дошта, шомили фаслҳои «Тасвири корнамоиҳои Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун истиқроргари сулҳу ваҳдати миллӣ» ва «Азми созанда ва бунёдкориҳои шахсияти таърихӣ дар таҳкими истиқлолияти миллӣ» мебошад. Дар фасли аввали боби мазкур асарҳое мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд, ки дар онҳо корномаи Эмомалӣ Раҳмон дар таъмини сулҳу ваҳдат тасвир шудааст. Диссертант дар рафти таҳқиқу таҳлили мавзӯъ аз равишҳои илмиву методологӣ истифода намуда, асарҳоро раддабандӣ менамояд, хусусиятҳояшонро муайян мекунад, мавқеъ ва нақши муаллифонро дар шинохти чеҳраи таърихӣ нишон медиҳад.

Дар фасли дуюми ин боб асарҳое мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд, ки ба раванди бунёдкорию созандагиҳо дар кишвар тайи солҳои соҳибистиқлолӣ рухдода нигаронида шудаанд. Диссертант чунин асарҳоро аз нигоҳи таносуби тасвир ба ду гурӯҳ ҷудо намуда, ба ин минвол раванди таҳқиқро мушаххас мегардонад. Дар шинохти пажӯҳишии ӯ асарҳои адибони публитсист Б. Муртазо – «Нақби Истиқлол» ва Ш. Мӯсо – «Мардистон», «Достони Роғун» ва «Ҷасорат» ҷанбаи бадеии пурқувват доранд. Асарҳои М. Тоштемиров, С. Фаттоев – «Шоҳроҳи сулҳофарӣ ва бунёдкории Президент Эмомалӣ Раҳмон», Н. Абдулваҳҳоб, У. Шерхон «Ваҳдатовар», А. Раҳим «Пайвандгари марзҳо ва дилҳо» ва ғайра, ки дар онҳо таҳлилу таҳқиқи журналистӣ ва нақлу бозгӯйии фаъолияти Сарвари давлат дар такя бо факту далелҳо бештар ба мушоҳида мерасад, сирф публитсистӣ буда, дар онҳо забон ва шеваи баёни муаллифон аслан, журналистӣ мебошад.

Ҷанбаи дигаре, ки дар ин боб мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқ қарор гирифтааст, ба қонунмандиҳои жанрҳои публитсистӣ ҷавобгӯ будани асарҳои мавриди омӯзиш, истифодаи бамавриди факту далел, воситаҳои тасвири сухан, санъатҳои бадеӣ, зарбулмасалу мақол ва амсоли ин мебошад. Ин шаклу василаҳои эҷоди публитсистӣ барои боз ҳам барҷаста намо ёфтани образи Президенти кишвар мусоидат намудааст.

Чун мавзӯи рисолаи илмии муҳаққиқ нисбатан доманадор аст, ҷанбаҳои таҳлилию тавзеҳии он, низ дар диссертатсия нисбатан фарохтар сурат гирифтааст.

Боби сеюми рисола «Таносуби воқеият ва бадеият дар бозтоби симои Пешвои миллат» ном дошта, аз фаслҳои «Имконоти жанрҳои публитсистӣ дар офаридани симои шахсияти таърихӣ» ва «Воқеияти иҷтимоӣ ва аносири ҳунарӣ дар тасвири образи қаҳрамони воқеӣ» иборат мебошад. Диссертант дар фасли аввали боби сеюм перомуни имконоти жанрҳои публитсистию бадеӣ, аз ҷумла лавҳаю очерк, сухан ронда, ба таври илмӣ адабиёти дар ин замина эҷодшударо тасниф кардааст. Ба таъкиди ӯ дар офаридани симои Пешвои миллат муаллифон бештар аз имконоти жанри очерк истифода кардаанд. Дар таҳлилу баррасиҳои диссертант очеркҳои А. Самад – «Заҳри носозӣ ва шаҳди ошноӣ», «Армони ҳазорсола», «Роҳи шараф», С. Турсун – «Таҷовузи нохалаф ва худшиноси миллӣ», К. Мирзо. «Рӯйдодҳои зиндагӣ», Н. Қосим – «Пеши роҳи ту во бод!», Холмурод Шарифов -«Ваҳдати миллӣ ва шахсият», М. Салим – «Роҳ ба сӯйи нури хуршед», Т. Зулфиқоров – «Сорбони корвони бахти миллат» ва ғайра аз ҳамин қабил маҳсуб ёфта, дар онҳо паҳлуҳои мухталифи кору пайкор ва иқдому ташаббус ва фаъолияти пурсамари раҳбарии Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сиёсатмадори тавоною доно, ватандӯсту худшинос, дурандешу меҳандӯст таҷассуми бадеии худро ёфтаанд.

Дар фасли дигари ин боб масъалаи маҳорати адибону публитсистон дар офаридани симои Пешвои миллат, истифодаи аносири ҳунарии эҷоди публитсистӣ тариқи таҳлилҳои муқоисавӣ таҳлилу баррасӣ гардидааст. Муаллиф барои мушаххас намудани таҳлилу баррасиҳо бобҳои «Меъмори ваҳдат»-ро интихоб намуда, вижаи услубии ин асарро дар он мебинад, ки дар он қабл аз тасвири воқеаҳо ва инкишофи хатти сюжет иқтибосе аз гуфтаҳои бузургон ва адибону файласуфон ба сифати тақвиятбахши ҳадафу ғояи нигорандагон оварда мешавад.

Истифодаи бамавриди аносири ҳунарӣ ва саноеи бадеиро дар асарҳои «Ҷасорат» ва «Достони Роғун» низ ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Ба муҳаққиқ муяссар гардидааст, ки дар зимни баррасии консепсиявии ин ду асар, ҳунару маҳорати нигорандагӣ, дараҷаи қобилияти тасвирсозию портретофарӣ, вижагиҳои баёни лаҳзаҳои драматикии ҳодисаҳо ва ба таври воқеӣ офаридани образи Президент Эмомалӣ Раҳмонро аз ҷониби муаллифашон Шералӣ Мусо бармало созад.

Ҳамин ҷанбаи таҳлилии диссертант дар тавзеҳу арзёбии қиссаи мустанади бадеии публитсист Бахтиёр Муртазо – «Нақби Истиқлол» дар иртибот ба тасвири воқеияти иҷтимоӣ ва истифода аз аносири ҳунарӣ дар тасвири образи Эмомалӣ Раҳмон вусъати тоза ёфтааст. Муҳиммияти доираи андешаронии муҳаққиқ дар он аст, ки ӯ асарҳои С. Мирзошо, Ш. Ҳаниф, Ш. Мӯсо ва Б. Муртазоро ба таври муқоисаю муқобала мавриди пажӯҳиш қарор медиҳад. Чунин хулосабарории диссертант зимни натиҷагирии асари «Нақби Истиқлол» воқеан, аз диди хосса ва ҷанбаи фаҳму дарки вижаи муфради муҳаққиқ дарак медиҳад.

Хулосаи диссертатсия дар 16 банд зикр шудааст, ки аҳамияти баланди илмӣ дошта, андешаву ҷусторҳои тозаи муҳаққиқро бозгӯйӣ мекунад.

Ҳамин тавр, мутолиаи ҳаматарафаи диссертатсия ва фишурдаи он ба мо имкон медиҳад, хулоса намоем, ки муаллиф барои таҳқиқ мавзӯи муҳим ва мубрамро интихоб намудааст. Ӯ мундариҷаи диссертатсияро дуруст ба низом даровarda, ҷанбаъҳои гуногуни мавзӯъро холисона таҳлил намуда, хулосаҳои мувофиқи илмӣ ҳосил намудааст. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки мақсад ва вазифаҳои дар пеш гузоштаи муаллиф ҷиҳати ҳалли мавзӯи мазкур иҷро шудаанд.

Бо вуҷуди ин, дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд, ки ислоҳашон дар пажӯҳишҳои минбаъда ба нафъи кор хоҳад буд:

1. Нахуст, ба назари мо дар раванди баррасии мавзӯъ ҷасорати илмии муаллиф камтар ба назар мерасад. Ӯ бештар ба бартариву ҳусни

китобҳои баррасишаванда эътибор медиҳад. Табиист, ки ҳама осори ба корномаҳои Пешвои миллат бахшидашуда дар як сатҳ нестанд. Хуб мешуд, ки диссертант ба ин ҷиҳат низ аҳамият медод.

2. Хуб аст, ки диссертант дар рафти таҳқиқ ва таҳлили мавзӯъ аз усули муқоиса кор мегирад, аммо ин муқоисаҳо дар контексти асарҳои марбут ба як шахсияти таърихӣ сурат мегиранд. Ба назари мо агар ӯ барои муқоиса баъзе асарҳои ба дигар шахсиятҳои таърихӣ бахшидашударо низ мавриди омӯзиш қарор медод, ҷанбаи таҳлиливу қиёсии диссертатсия пурқувват мегардид.

3. Дар боби сеюми диссертатсия муаллиф доир ба корбасти имконоти жанрӣ сухан ронда, ба хулосае меояд, ки адибону публитсистон дар тасвири мавзӯи мавриди омӯзиш бештар аз жанри очерк истифода намудаанд. Ба пиндошти мо, ин хулоса чандон саҳеҳ нест. Бархе аз асарҳои мавриди пажӯҳиш дар шакли қиссаи публитсистӣ, романи публитсистӣ, эссе ва лавҳа таълиф шудаанд.

4. Дар хулосаи умумии диссертатсия мазмуни баъзе хулосаҳои фаслу бобҳо такрор шудааст, ки то андозае ҳусни корро халалдор мекунад.

Ин камбудиҳо ҷузъӣ буда, қимати илмии диссертатсияро паст намекунанд. Диссертант вазифаҳои дар наздаш гузоштаро бомуваффақият иҷро кардааст. Диссертатсияи мавриди назар таҳқиқоти мукаммали илмӣ буда, аҳаммияти назариявию амалӣ дорад.

Автореферат ва мақолаҳои интишорнамудаи муаллиф, ки 5-тоаш дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, асоси мундариҷаи рисоларо инъикос мекунанд.

Диссертатсияи Охунзода Насруддин дар мавзӯи «Симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобии тоҷик» таҳқиқоти бaанҷомрасида буда, дар сатҳи баланди илмӣ навишта шудааст. Он бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалиаш ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, тахти №505 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

**Муқарризи расмӣ: Иҷрокунандаи вазифаи декани факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, номзади илмҳои филология** **Шарипов С. И.**

**Нишонии муассиса: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кучаи Айнӣ 67**
**Нишонии саҳифаи махсус:**
**Тел.: +992 (832-22) 2-54-81**
**Сайт://www. btsu.tj**

**Имзои н.и.ф. Шарипов Сангимурод Исматуллоевичро тасдиқ мекунам**
**Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав** **Шукурзод Ҷ. А.**

**19.10.2020 с.**